**20-солагии Ғалабаи ҷаҳоншумул**

*“Маориф ва маданият”,*
*9 феврали 1965.*

## Шаҳидони абадзинда

*Ҳаёти дилкашу зебо ҳаёти озод аст,*
*Чунин ҳаёт на арзон ба даст афтодаст,*

*Барои он ки ҳаёте чунин диҳад моро*
*Ҳазор бор Ватан сад ҳазор ҷон додаст!..*

Оре, Ватани мо дилкашу зебост ва зебоӣ ба туфайли озодии Ватан аст ва баҳри озодию дифои он садҳо фарзандони Ватан чони азиз бохтаанд.

Чун Чингизи асри бист - Гитлери хунхӯр ба мисли деви ҳафтсар мамлакатҳои мағрибзаминро паи ҳам ба дами худ кашида, ба хоки муқаддаси Ватани мо ҳамла овард, фарзандони Ватан чун як тану як ҷон бар зидди он бархостанд. Коргару муаллим, деҳқону боғбон ҳама ба даст аслиҳа гирифт.

Дар миёни ин ҷанговарон шоирон ва нависандагон Ҳаким Карим, Сотим Улуғзода, Ҳабиб Юсуфӣ, Фотеҳ Ниёзӣ, Лутфулло Бузургзода, Ҳабиб Аҳрорӣ, Абдушукур Пирмуҳаммадзода низ буданд, бо тиру туфанги худ синаи тороҷгаронро мешикофтанд...

Бале, барои он ки гулистони Ватан аз хасми ғаддор эмин монад, фарзандони ӯ ҷонбозиҳо карданд. Абдушукур Пирмуҳаммадзода, Ҳабиб Юсуфӣ, Лутфулло Бузургзода, Ҳаким Карим шаҳидони ҷанги фашизм шуданд.

Абдушукур Пирмуҳаммадзода яке аз қаламкашони ҷавони адабиётамон буд.

Ӯ соли 1914 дар Боғи майдони Самарқанд ба дунё омада, аз 16 солагиаш ба меҳнат сар кард; дар нашриёти Тоҷикистон (дар Самарқанд) ба кор даромад.

Соли 1933 аввалин луғати дуҷилдаи русӣ-тоҷикӣ аз чоп мебарояд, ки таҳти роҳбарии устод Айнӣ анҷом ёфта буд. Қисмати русии ин луғатро профессорон Анучин ва Вяткин таҳрир карданду тоҷикиашро бародарон Абдушукур ва Абдусалом Пирмуҳаммадзодаҳо.

Тоҷикистон республикаи сотсиалистӣ шуд.

Абдушукур ба Душанбе омад, дар матбааю нашриёт кор кард, дар шӯъбаи ғоибонаи институти педагогии давлатӣ таҳсил намуд. Тарҷимониро омӯхт, дар ин кор маҳорате пайдо кард, тоҷиконро бо намунаи осори Ғафур Ғулом, Ҷӯрабоев, Сергей Розанов ва ғайраҳо шиносонд.

Бо кӯмаки устодон Айнию Лоҳутӣ дар драманависӣ қувваозмоӣ кард.

Солҳои 1935-36 бо ҳамкории драматурги номии тоҷик Ғанӣ Абдулло дар асоси достонҳои безаволи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ фоҷиаи «Рустаму Сӯҳроб»-ро офарид.

Ҳамагӣ баъди якчанд рӯзи сар шудани ҷанг Абдушукур дар фронт буд.

Дар ҷанги шадид бо тамоми кинаю ғазаб ва қувваю матонат ҷангид. Ва январи соли 1942 дар муҳорибаи назди Маскав қаҳрамонона ҳалок гашт.

* * *

Ҳабиб Юсуфӣ ҳамагӣ 29 сол умр дидааст, 29-ро ҳам пур накардааст.

Аммо дар ҳамин умри кӯтоҳ ӯ тавонист дар сафҳаи адаб осори нодире боқӣ гузорад.

Зодгоҳи Ҳабиб ҳам Самарқанд аст. Дар ҳамон ҷо савод меомӯзад, университетро аъло тамом карда, ба Душанбе меояд ва дар шӯъбаи Тоҷикистонии АФ СССР ба сифати ходими илмӣ кор мекунад.

Ҳабибро ашъори сеҳрангези Ҳилолию Низомӣ, Камолу Ҳофиз мафтун карда буданд. Ӯ ба ғазалҳои Ҳилолӣ худ мухаммас мебаст ва онро дар ҳалқаи дӯстонаш бо танбӯр мехонд.

Аз соли 1936 сар карда рӯзномаю маҷаллаҳои «Тоҷикистони Советӣ», «Ҳақиқати Ӯзбекистон», «Барои адабиёти сотсиалистӣ», «Мушфиқӣ» дар симои Ҳабиб Юсуфӣ муаллифи нави ҷавону оташсухан пайдо карданд.

Ҳар як шоири соҳибистеъдод худ дониста ё надониста осори худро ба чизе вобаста мекунад, хусусияти хосе ба вучуд меоварад.

Ҳар гоҳ Ҳабиб Юсуфӣ ба ёд ояд, Ватани азиз бо тамоми зебоию дилкашиҳояш пеши назар ҷилванамоӣ мекунад. Овози Ҳабиб Юсуфӣ бо садои «Ватан» баланд шуд ва он овоз ҳанӯз хомӯш нашудааст ва хомӯш намешавад.

Хабари мудҳиши ҷанг шоири ватанпарастро ба ларза меорад.

Шоири ҷанговар фармондеҳи батареяи миномётӣ Ҳабиб Юсуфӣ андаке пештар аз ғалаба моҳи феврали соли 1945 дар остонаи Варшава қурбон шуд.

* * *

Ҳаким Карим соли 1905 дар оилаи савдогари майдаи Хуҷанд таваллуд ёфта, аз мактаби русӣ-маҳаллӣ савод меомӯзад. Чашми Ҳаким Карим барвақт кушода мешавад, баду некро дар таҷрибаи рӯзгор сарфаҳм меравад.

Ҳаким Карим дар ҷангҳои гражданӣ фаъолона иштирок мекунад, аз ҷанговари одӣ ба дараҷаи капитанӣ мерасад.

Дар ҷӯшу хурӯши зиндагӣ будан, ҳамдаму ҳамнафаси мардум будан ба Ҳаким Карим илҳом - илҳоми эҷодкорӣ мебахшанд. Ӯ

қалам мегирад. Ин солҳои 1931-1932 буд. Ҳикоятҳои «Бегӯш», «Тӯҳфа», «Латиф Кутил»-ҳоро менависад.

Ӯ ҳамчун Ҳабиб Юсуфӣ дар майдони адабиёт мӯҳлати каме қаламронӣ кард, вале аз худ мероси арзандае боқӣ гузошт. «Оқшуда», «Дастамро фаромӯш кардаам», «Қаламкаш» ҳоло ҳам дар шумори асарҳои беҳтарини адабиёти советии тоҷик мебошанд.

Ватан офитсери кордидаи худро ба хизмат хонд.

Ин устоди насри бадеӣ, ки ҳар ибораю ҷумлааш як олам маънӣ дорад, дар муҳорибаи назди Великие Луки қаҳрамонона ҷон дод.

***

Аждари Гитлер боз як ҷавони боистеъдодро фурӯ бурд. Ин Лутфулло Бузургзода буд.

Лутфулло соли 1909 дар Исфара чашм кушод. Дар Университети давлатии Самарқанд таҳсил мекунад. Ӯ дар тамоми дарсҳо пешрав буд, вале махсусан илмҳои забону лаҳҷа, адабиёту адабиётшиносӣ диққати ӯро ба худ ҷалб мекунанд.

Лутфулло ҳанӯз студент буд, вале ӯ чун муҳаққиқ лаҳҷаҳои зиндаи забони тоҷикиро меомӯхт. Олимони забоншиносу адабиётшинос истеъдоди фавкулоддаи Лутфуллоро пай бурданд ва ӯро баъди хатми университет (соли 1934) ба шӯъбаи Тоҷикистонии АФ СССР тавсия намуданд.

Лутфулло Бузургзода дар муддати ниҳоят кӯтоҳе, ки дар махзани дониш кор кард, корҳои зиёдеро анҷом дод, оид ба адабиётшиносӣ ва танқиди адабӣ, дар бораи забони тоҷикӣ мақолаҳо навишт, барои талабагони мактабҳои миёна китобҳои дарсӣ таълиф кард, намунаҳои фолклориро ҷамъ ва нашр кунонид.

**М. РАҲИМ.**